1073 - Таҳияи барномаҳои компютерӣ барои бонкҳои рибавӣ

савол

Касби ман таҳиягари барномаҳои компютерӣ аст. Саволам ин аст: оё ҷоиз аст, ки барои бонки рибавӣ барномаи компютерӣ таҳия намоям?

Ҷавоби муфассал

Ин амал ҷоиз нест, зеро Аллоҳ таъоло аз он наҳӣ намуда, мефармояд:

وَلا تَعَاوَنُوا عَلَى الإِثْمِ وَالْعُدْوَانِ

سورة المائدة: ٢

«Ва ҳамдигарро дар гуноҳу таҷовуз кӯмак накунед». (Сураи Моида: 2).

Бешак, таҳияи чунин барномаҳо аз ҷониби шумо ба фаъолияти бонк дар самти анҷом додани муомилоти рибавӣ мусоидат намуда, ба он имкон медиҳад, ки дар ин амали ҳаром аз барномаҳои таҳиякардаи шумо истифода барад.

Аллоҳ таъоло мову шуморо ба анҷом додани амалҳое, ки боиси хушнудии Ӯ мегарданд, муваффақ созад ва миёни мо ва ҳар он чизе, ки сабаби ғазаби Ӯ мешавад, фосила андозад.

Дуруди Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад бод.